# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи номзадии Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ)**

Диссертатсияи номзадии Қодирӣ Н.Д. дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» ба яке аз масъалаҳои мубрами психология, рушди оилаи устувор ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлилу таҳқиқ ва баррасии маводи дахлдор, сарчашмаҳои илмии мухталифи фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва таҷрибаи тадқиқоти психологии худ диссертатсияро таҳия намудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Сохтор ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ), аз ҷумла, ба банди 30 – сохтори шахсият; масъалаи тафовути инфиродӣ ва типологияи шахсият; соҳаи маънавию ахлоқии шахсият; таносуби олами ботинӣ ва берунии инсон; равияи шахс, самтёбиҳои ҳаётӣ ва арзишнок; худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ; образи «Ман»; худмуайянкунии шахс; кирдор ҳамчун категорияи шахсиятӣ; қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи шахс; худамалисозии шахс; такомули шахсият; эътидол ва патологияи шахс; солимии психологии шахс; банди 35 – психологияи муносибатҳо; психологияи мақсадгузорӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ Қодирӣ Назира Дадозода мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки дар доираи соҳаи илми психологияи иҷтимоӣ дар самти ташаккули ҳиссиёти ахлоқии шахс ва худамалисозиву худвоқеиятбахшии наврасон алоқамандӣ дошта, дар шароити ҷомеаи имрӯза мубрам маҳсуб меёбад. Муҳим будани мавзуи таҳқиқот боз дар он зоҳир мегардад, ки нисбат ба муҳити солими психологии

оила ҳамчун оимили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон рӯз то рӯз эҳтиёҷ зиёдтар мегардад ва механизмҳои нави корро талаб мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳлили ҳамаҷонибаи навъҳои гуногуни оила зимни таҳқиқот ҷараён гирифта, муайян карда шудааст:

- рушди зеҳниву психологии наврасон ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқии онҳо вобаста ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии оила алоқаманд буда, муносибатҳои тарбиявии калонсолони оила дар таҳкими боварҳо ва таълиму тарбияи наврасон заминаи мусоид фароҳам меоварад;

- муносибатҳои ахлоқӣ ва тарбиявии волидон бо наврасон дар сатҳи психологии гуногун қарор гирифтанаш барои татбиқи тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули шахсияти наврасон таъсири назаррас дорад;

- бо вуҷуди мавҷуд будани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар оилаҳои муаммодор каҷрафтории наврасон ба назар мерасад, ки бевосита аз муносибати дурушти волидон сарчашма мегирад;

- ҳиссиёти ахлоқии наврасон дар оила нисбат ба падар ва модар дар сатҳи гуногун ифода гардида, ҳиссиёти ахлоқии писарон ва духтарон низ нисбат ба якдигар мухталиф мебошад;

- меъёрҳои таҳсилот ва раванди таълиму тарбияи наврасон дар оилаҳои тоҷик нисбат ба раванди таълиму тарбия ва муҳити хонаводагии ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои маъдании фарҳангҳои, ки ҳангоми омӯзиши муносибатҳои психологӣ дар муҳити оила байни волидон ва наврасон муайян гардид.

Илова бар ин, дар кор роҳҳои ҳалли муаммоҳои худтанзимкунӣ ва худташкилдиҳии рафтори наврасон пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муҳити солими психологӣ дар оила ҳамчун омили муҳим ва шарти ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон дида баромада мешавад.

Таъсири муносибатҳои байнишахсӣ ва фазои психологии оила ба раванди инкишофи шахсият ва ахлоқи наврасон муайян мегардад.

2. Сатҳи эътимоднокӣ, дастгирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар оила метавонад ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврас аз ҷиҳати мусбӣ мусоидат намояд, дар ҳоле ки муҳити низоъ ангез ва ноустувор метавонад сабаби ташаккули стресс ва ихтилофоти дохилии ӯ гардад.

3. Муносибатҳои оилавӣ ва усулҳои тарбиявӣ, бевосита, ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ, аз ҷумла ҳамдардӣ, масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои иҷтимоӣ, таъсир мерасонанд.

4. Омилҳои муҳимми ташаккули муҳити солими психологӣ дар оила, сатҳи маърифати психологӣ ва фарҳанги муошírати аъзои оила мебошанд. Истифодаи равишҳои илмӣ дар муошират ва тарбияи кӯдакон метавонад равандҳои инкишофи ахлоқиро дар наврасон самараноктар гардонад.

5. Таҳия ва татбиқи барномаҳои махсуси машваратӣ ва психологӣ барои беҳтар намудани муҳити психологии оилаҳо ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии волидон оид ба тарбияи ҳиссиёти ахлоқии наврасон мусоидат менамояд.

6. Ташкили машғулиятҳои назариявию амалӣ дар асоси барномаҳои таълимӣ оид ба рушди қобилиятҳои эмотсионалӣ ва ахлоқии наврасон дар муассисаҳои таълимӣ, дар ҳамкорӣ бо равоншиносон ва мутахассисони соҳаи педагогика метавонад ҳамчун воситаи иловагии дастгирии муҳити солими психологӣ дар оила хизмат намояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии олимони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва ҳаҷми

интишорот бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардида, дар онҳо дурнамои мавзуи таҳқикӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада дар раванди таълими барномаҳои таълимии соҳаи психологияи муносибатҳои оилавӣ, психологияи синнусолӣ ва психологияи педагогӣ мавриди тадрис қарор хоҳанд гирифт. Ҳамчунин, дар татбиқи амалии муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки дар самти танзими муносибатҳои оилавӣ ба тасвиб расидаанд, иттилооти таҳқиқот метавонад маводи заруриро пешниҳод намояд. Илова бар ин, истифодаи маводи таҳқиқот дар самти тарбияи психологӣ, маърифатӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи наврасон заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард. Корбурди натиҷаҳои таҳқиқот дар коркарди барномаҳо барои оилаҳои ҷавон, волидайн, мушовири оилавӣ, машварати равонӣ бо наврасон ҳамчун асос муфид мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар рисолаҳои илмии минбаъда дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст.

**Қисмати асосии тадқиқот.** Диссертатсияи номзадии Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрам будани мавзуи тадқиқот, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи тадқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии тадқиқ, сарчашмаҳои тадқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии

довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои тадқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар рушди психология ва дар самти шинохту тадқиқи мавзуи мавриди назар аҳаммияти калони илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои илмӣ-назариявии омӯзиши муаммоҳои психологии муҳити солими оила»** фарогири чор зербоб аст ва дар онҳо оид ба пажуҳишҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқон доир ба масоили гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ сурат гирифтааст, маълумот дода шудааст. Диссертант кӯшиш кардааст, ки таъсири ниҳоди оилаи муосирро ба ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии наврасон дақиқ муайян ва таҳлили илмӣ намояд. Аз хулосаи боби якуми рисола бар меояд, ки муҳити солими психологии оила ҳамчун омили калидӣ дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нақши ҳалкунанда дорад. Муҳити психологии оила, ки сатҳи муошират, дастгирии эҳсосӣ ва муносибатҳои байнишахсиро дар бар мегирад, ба инкишофи хусусиятҳои шахсият ва ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири амиқ мерасонад.

Дар боби дуюми рисола таҳқиқи амалии муайян намудани мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон амалӣ карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот муаммои ҷойдошта, ҳалли проблемаҳо ва тавсияҳои амалиро дарбар мегирад. Хулосаи боби дуюм низ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот баровардa шудааст, мазмунан дуруст, мантиқан пайдарҳамии риоя шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯйи 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп

расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопнамудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсияи номзадии Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» тибқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо ҚҲҶТ аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба тартиб даровара шудааст.

Фишурдаи диссертатсия низ ба аслияти худ пурра мувофиқат мекунад ва он хулосаҳое, ки бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба таври мухтасар бозгӯи диссертатсия мебошанд.

Хулоса, он мақсад, вазифаҳо ва нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, дар диссертатсия ба таври пурра, батафсил инъикос ёфта, кори диссертатсионӣ ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Хулосаҳои бобҳо ва зербобҳо вобаста ба вазифаҳои тадқиқот мушаххасиро талаб мекунад.

2. Хуб мебуд, ки механизми мушаххаси психологӣ ҷиҳати ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон пешниҳод мешуд.

3. Дар овардани номгӯйи адабиёт дар феҳрасти адабиёт низ яксонӣ дида намешавад ва дар таҳияи он ба ғалатҳои техникӣ, имлоӣ роҳ дода шуда,

зикри нодурусти он ва адабиёти ба мавзуъ рабтнадошта оварда шудаанд, ки то андозае ин хилофи муқарраротн кори илмӣ аст.

4. Дар таҳияи рисолаи илмии мавриди такриз ва автореферати он баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Дар натиҷаи шинос шудан бо матни диссертатсия, баъзе саволҳо низ байдо шудаанд, ки дарояндаи таҳқиқот ҷавоби мушаххасро талаб менамояд:

1. Миёни мафҳумҳои «тарбияи маънавии наврасон» ва «тарбияи ахлоқии наврасон» чӣ гуна умумият ва фарқият мавҷуд аст?

2. Дар таҳқиқот чанд нафар волидон иштирок доштаанд ва онҳо бо кадом мақсад ба кор ҷалб шудаанд?

3. Оё дар нишондодҳо миёни волидони синфҳои 6 ва 8 ягон фарқият дида мешавад?

4. Дар тавсифи умумии таҳқиқот ва методҳои он муаллиф асосан ба кадом сарчашмаҳо (китобҳо вобаста ба методологияи тадқиқот) такя кардааст?

5. Дар ҷадвали 1 ва 2 бо кадом мақсад хонандагони синфҳои 6 ва 8 муқоиса шудааст?

Ҳамин тариқ, эродҳои ишорашуда ба паст шудани арзиши диссертатсия боис намешавад, кор бо услуби илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд. Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқаррizи расмӣ:**
Мудири шуъбаи инноватсия ва
психологияи таҳсилоти Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои психологӣ Н.Ф. Абдурашитов

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2;
E-mail: a_naimjon_f@mail.ru
Тел.: +992 (918) 50-21-45

Имзои Н. Абдурашитовро
«тасдиқ менамоям»
Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТ · РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

13.11.2025